ХУЛОСАИ

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода М.А., фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии функсияи экологии давлат мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Масоили ташвишовари экологии сайёра, аҳли ҷомеа ва олимонро водор намудааст, ки роҳҳо ва механизмҳои муташаккили роҳандозӣ кардани тадбирҳои беҳдошти вазъи экологӣ амалӣ гардонида шаванд, ки дар маҷмӯъ ба сифати фаъолият дар самти рушди устувор баҳогузорӣ мешавад.

Дар баробари ин, проблемаҳои мавҷудаи экологӣ ба монанди истифодаи самаранок ва оқилонаи сарватҳои табиӣ, гармшавии бесобиқаи иқлими сайёра, аз ҳадди муқаррарӣ барзиёд обшавии пиряхҳо, биёбоншавӣ, вазъи ногувори эпидемиологии сайёра, норасогии об, рахнашавии барзиёди қабатҳои озонии ҳавои атмосферӣ, ифлосшавии ҳаво ва монанди инҳо дар маркази диққати ҷиддии ҳуқуқшиносон, экологҳо, намояндагони дигари донишҳои илмӣ ва намояндагони ҳокимияти давлатӣ қарор доранд. Бинобар ҳамин, таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим дошта метавонад.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ масоили инкишофёбӣ, мафҳум ва хусусият, мавқеъ, шакл ва усулҳои амалишавӣ ва механизмҳои ҷудогонаи амалишавии функсияи экологии давлат бо дарназардошти ғояҳои муосири илмӣ ва қонунгузории амалкунанда мавриди таҳлил ва омӯзиши мушаххас қарор дода шудааст. Ҳамчунин роҷеъ ба масъалаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҷодаи амалишавии функсияи экологии давлат зербоби алоҳидаи диссертатсия бахшида шудааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Натиҷаи кор, хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби муаллифи рисолаи илмӣ манзур гардидаанд, бо дарназардошти таҳлили адабиёти муосири самти назарияи давлат ва ҳуқуқ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ, инчунин андешаву назари олимони

дохиливу хорӣ сурат гирифтаанд, ки асоснокии онҳоро ифода менамоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуқтаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва амалинамоии функсияи экологии давлат ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 20 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 13 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода М.А., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Қодирзода М.А., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошад. Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия, шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- Шокиров Ғайбулло Абдуллоевич, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон барои ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Ҳимоя санаи 20 июни соли 2023, соати 10:00 баргузор карда шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ **Раҳмон Д.С.**

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиноси, дотсент
аъзои Шурои диссертатсионӣ **Назаров А.Қ.**

Мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Саъдизода Ҷ.**

24.01.2023